# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович ба яке аз масъалаи муҳим навишта шуда, дар айни замон хеле актуалӣ ба ҳисоб меравад. Тавре ба ҳама маълум аст, масъалаи экология, тозагии муҳити зист доимӣ зери таҳқиқ қарор дорад.

Олимон вазъи муосири ҳифзи муҳити зистро ташвишовар ва боиси нигаронии шадид арзёбӣ менамоянд. Воқеан, афзоиши талабот ба маҳсулоти саноатӣ боиси афзоиши истихроҷи сарватҳои табиӣ аз конҳои канданиҳои фоиданок ва мутаносибан кам шудани захираи онҳо мегардад. Шумораи корхонаҳои коркард, ки ба муҳити зист моддаҳои зарарнокро хориҷ мекунанд, мунтазам меафзоянд. Ҳамаи ин, ҳамчунин омилҳои дигари ногузир боиси таназзулу бадшавии ҳолати муҳити зист мегардад.

Ташкили тарбияи самаранокии экологии шаҳрвандон имконият фароҳам меоварад, ки инсон муҳити зист ва биосфераро ҳимоя кунад, тоза нигоҳ дошта дар он сиҳату саломат умр ба сар барад, муҳити аз ҷиҳати экологӣ тозаро ба наслҳои оянда боқӣ гузорад. Тарбияи экологӣ ва ҳифзи муҳити зист, пеш аз ҳама, ҳимояи генофонди миллатро дар назар дорад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда ба яке аз масъалаҳои мубрамтарин – асосноккунӣ ва санҷиши амалии асосҳои назариявӣ ва маҷмӯи шартҳои дидактикӣ барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология дар раванди таълим дар низоми тайёрии олии касбӣ бахшида шудааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ. Феҳрасти адабиёти илмӣ ва замимаҳо иборат буда, дар диссертатсия 21 ҷадвал, 4 расм, 3 диаграмма ва 254 адад феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳамияти таҳқиқот оид ба ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) таҳлил шудааст. Олимони муосир вазъи кунунии экологиро ҳамчун ташвишовар ва ҳассос меҳисобанд.

Воқеан ҳам, афзоиши талабот ба маҳсулоти саноатӣ боиси афзоиши истихроҷи захираҳои табиӣ ва мутаносибан кам шудани захираҳои онҳо мегардад. Шумораи корхонаҳои саноатӣ, ки ба муҳити зист таъсир мерасонанд доимо меафзоянд.

Дар боби якуми диссертатсия ба омӯзиши «Масъалаи назария ва амалияи ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) дар раванди таълими муассисаҳои таълимии олӣ» бахшида шудааст.

Ҷомеаи инсонӣ ҳамеша ва бевосита бо муҳити зист дар робитаи зич қарор дорад. Бояд гуфт, ки тамоми таърихи инкишофи инсоният бархӯрд ва зиддиятҳои доимии қонунҳои умумии экология ва амсилаҳои рафтори инсон буда, дар ин зиддият ҷамъияти инсонӣ пайваста ва фаъолона макони зистро дар робита бо принсипҳои фарҳангӣ танзим мекунад. Мавқеи афзоянда ва фаъоли инсон аз захираҳои танзими (худтанзимкунии) табиии низомҳои табиӣ хеле афзудааст ва маълум аст, ки сенарияи фалокати экологӣ дар миқёси ҷаҳонӣ дар солҳои наздик бештар эҳсос мешавад ва дар аксари таълифот оид ба тасаввуроти илмӣ ва дарки бӯҳрони экологӣ мушкилоти асосии замони муосир мебошад.

Масъалаҳои табиат, ки аз нуқтаи назари арзиши фарҳангӣ омӯхта мешаванд, на танҳо дар осори илмию фалсафӣ, балки дар таҳқиқоти махсуси масъалаҳои экологӣ ҳамеша мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар низоми муқарраргардидаи дорои зинаҳои арзишҳои умумии фарҳангии муосир табиат торафт дараҷаи босифатро ишғол карда, мақоми он аҳамияти сифатан навро пайдо мекунад, ки дар муносибати инсон ва табиат дар ҷанбаҳои маърифатӣ, эстетикӣ ва ахлоқӣ ифода меёбад. Бо вуҷуди ин, фарҳанги экологӣ ҳамчун унсури фарҳанги умумӣ инъикоси ҳамзистии номувофиқи кори фаъол ва технологии инсон бо муҳити табиии биосфера мегардад.

Фарҳанги экологӣ ҳамчун фарҳанги ҷамъият ва ҳамчун фарҳанги шахсият мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Чун фарҳанги ҷамъият фарҳанги экологӣ ҳодисаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар чаҳорчӯбаи муносибати дувум фарҳанги экологӣ чун сифати интегративии шахсиятии фард, ки фаъолият ва рафтори ӯро дар муҳити иҷтимоию табиӣ тавсиф мекунанд, ба таҳлил кашида шудааст.

Таҳлили корҳои иҷтимоию фалсафӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки фарҳанги экологӣ сифати иҷтимоӣ ва инфиродии инсон мебошад, ки хусусияти муносибати ӯро ба муҳити иҷтимоию табиӣ инъикос мекунад.

Фарҳанги экологӣ чун сифати шахсият дар худ ҷаҳоншинохт ва тафаккури экологӣ, низоми дониш, арзиш, эҳсос, меъёр ва қоидаҳои экологӣ, ҳамчунин тартиби фаъолияти ҳифзи табиат ва рафтори мутобиқ ба экологияро дар муҳити иҷтимоию табиӣ дар бар гирифтааст.

Марҳилаи муосири тамаддуни инсонӣ дар баробари фарҳанг имкониятҳои бемаҳдуд фароҳам меорад. Фарҳанг, ки имрӯз бо комёбиҳои навтарини пешрафти илму техника мусаллаҳ аст, талаботи ҳаёти ҷамъиятиро идрок кардааст. Ин талабот

бо зарурати тақвияи таъсири маънавию ахлоқӣ ба тамоми табақоти аҳолӣ алоқаманданд. Ба туфайли ин фарҳанг дар остонаи ҷаҳиши бе собиқа дар аз худ кардани олоти сифатан нави таъсиррасонӣ ба одамон, ба фаҳмиши ягонаи ногузирии таъхирнопазирии ҷустуҷӯи роҳи созиши маънавӣ, баробарвазнии иҷтимоӣ, ҳамкории мутақобилаи судманд, таъсири мутақобилаи эҷодӣ дар ҳалли тамоми масоили глобалӣ ва минтақавӣ, ки дар назди инсоният истодаанд, дар ҷамъовардани оммаи пароканда қарор дорад. Гардиш ба ҷониби фарҳанг, пеш аз ҳама бояд дар сиёсат амалӣ гардад. Ислоҳот набояд ба ниятҳои табиии инсон мухолифат кунад.

Таҳлили кори диссертатсионии Исматдинов А.М. нишон дод, ки фарҳанги экологии омӯзгорро метавон ҳамчун як ҷузъи фарҳанги омӯзгории умумӣ ва касбии ӯ баррасӣ кард.

Таҳқиқоти анҷомдодаи рисолаи илмӣ имкон медиҳад, ки фарҳанги экологии омӯзгори фанни технологияро муайян намоем - ин сифати ҷудонашавандаи касбии омӯзгор, аз ҷумла сатҳи ташаккули ҷаҳонбинӣ, шуур ва тафаккури экологӣ ва фарогирии қисмҳои экологӣ-аксиологӣ, экологӣ-фаъолият ва экологӣ-педагогӣ мебошад.

Исматдинов А.М. зарурати андешидани чораҳои фаъолро барои ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорони ояндаи фанни технология тасдиқ мекунад, ки минбаъд ба баланд бардоштани сатҳи дониши экологӣ ва арзишии онҳо ба таври мусбӣ мусоидат мекунад.

Дар боби дуюм шарти дидактикӣ барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорони ояндаи фанни технология пешниҳод карда мешавад.

Аз ин ҷост, ки зарурияти таҳияи фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» ба миён омад. Заминаи маъноии он бояд таъсири байниҳамдигарии табиат, ҷомеа ва инсонро фаро гирад. Омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) бояд ба таври возеҳ фаҳманд, ки механизмҳои фарҳанги экологиро бо таъсири мутақобилаи инсон ва муҳити зист, инчунин хусусиятҳои таъсири фаъоли инсон ба муҳити зист муайян кардан мумкин аст.

Самти барнома бояд чунон бошад, то ки донишҷӯён ҷаҳонро ҳамчун як низоми мураккаби таркибаш гуногун дарк кунанд, ки шахс бо ҳама саволҳо ва дархостҳои иҷтимоӣ ва табиӣ ба он ворид шудааст. Ин масъалаҳои иҷтимоӣ-табиӣ дар шаклҳои фарҳанг равшан ифода ёфтаанд.

Ҷанбаи таҷрибавӣ ва санҷишии таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳад, ки мундариҷа, шакл, усул ва воситаҳои ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) дар раванди таълим

дар муассисаи таълимии олии касбӣ, ки аз ҷониби мо таҳия ва санҷида шудааст, дорои самаранокии боэътимод ва возеҳ ҳастанд.

Аз ҷиҳати сохтор фанни интихобӣ се ҷузъро дар бар мегирад:

- манбаъҳои экология аз ҷанбаи таърихию фарҳангӣ;
- аҳамият ва асосҳои мундариҷавии фарҳанги экологӣ;
- таълим ва тарбияи экологӣ.

Фанни интихобӣ 72 соати омӯзиширо (3 кредит) пешбинӣ мекунад, ки пас аз он донишҷӯён лоиҳаи эҷодии самти экологиро таҳия ва дар амал татбиқ намуда, баъдан санҷиши онро дар муҳити табиӣ ва ғайримуқаррарӣ анҷом медиҳанд. Таҳияи фанни интихобӣ бо тартиб додани нақшаҳо ва бахшҳои мавзӯӣ, ки ҷанбаҳои экологӣ ва фарҳангӣ, таърихию фалсафӣ, миллӣ ва экологӣ ва педагогиро тавсиф мекунанд, ба роҳ монда шуд. Тахминан нисфи вақти омӯзиши фанни интихобӣ (50%) ба азхудкунии асосҳои назариявӣ ва усулҳои таълими экологӣ бахшида шудааст.

Натиҷаҳои таҷрибаи ташаккулдиҳанда асосҳоро муайян намуда, робитаи самаранокии раванди педагогиро нисбат ба сифати мушоҳидаи дидактикии он тасдиқ карданд, ки дар навбати худ имкони муайян намудани қисмҳои сохтории мониторинги раванди ташаккули технологияи фарҳанги экологӣ дар омӯзгорони оянда аз лиҳози дидактикӣ ва академӣ таъмин менамоянд:

- вазифаҳои дорои хусусияти ташхисию тарбиявии дорои сатҳҳои зиёд ва моҳияти гуногун, ки дар назди онҳо мақсади муайян намудани сатҳи азхудкунии дониши экологии хонандагон, неруи ҷаҳонбинии экологӣ ва ташаккули тафаккури экологӣ гузошта шудааст;
- бозиҳои дорои мазмуни таълимию дидактикӣ, ки дар рафти онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ аз хусусиятҳои касби интихобшуда канораҷӯӣ ва беэътиноӣ карда намешавад, мақсади асосии ин бозиҳо ба даст овардани маҳорат дар фаъолияти экологӣ ва педагогӣ мебошад;
- инъикоси самти экологӣ ва педагогӣ дар мавзӯъҳои маърӯзаҳо, рефератҳо, захираҳои интернетии мундариҷаи экологӣ, ки донишҷӯён дар раванди таълим истифода бурдаанд ва инчунин дар амалияиояндаи касбӣ дар соҳаи ташаккули фарҳанги экологии донишҷӯён (конфронсҳо ва форумҳои экологӣ маълумот дар бораи татбиқи консепсияи таҳсили бефосила дар самти экологӣ ва биологӣ, мақолаҳо бо тамоюли илмӣ-экологӣ ва касбӣ-педагогӣ) истифода хоҳанд кард;
- лоиҳаҳои дорои тамоюли эҷодӣ, ки дорои тавсифи равандҳои муосири педагогӣ буда, ба татбиқи муносибатҳо дар амалия мусоидат мекунанд, ки ба инкишофи шахсият самтгузорӣ шудаанд.

Лоиҳаҳои эҷодии дорои тамоюли экологӣ бо назардошти робита бо моҳият ва сохтори фарҳанги экологӣ дар омӯзгори ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) ба чунин намудҳо тақсим мешаванд: эҷодӣ-назариявӣ, истеҳсолӣ, экологӣ, ландшафтӣ, солимгардонӣ, самти методӣ ва касбӣ, ки асосҳои мавзӯии лоиҳаҳои самти эҷодиро муайян мекунанд.

Лоиҳаҳои эҷодӣ, ки томияти равандҳои педагогиро таъмин мекунанд ва дар амал ба татбиқи муносибати ба шахсият нигаронидашуда дар таҳсилот мусоидат мекунанд, воситаҳои самарабахши таълиму тарбия ба ҳисоб мераванд.

Тавре диссертатнт қайд менамояд, дар асоси моҳияту сохтори фарҳанги экологии омӯзгори оянда, намудҳои зерини лоиҳаҳои эҷодии самтияташон экологиро ҷудо карда шудаанд: назариявӣ, истеҳсолӣ, ҳифзи табиат, ландшафтӣ, солимгардонӣ, методӣ, интихоби касб. Оид ба ҳар самт мавзӯоти лоиҳаҳои эҷодии самтияташон экологӣ таҳия карда шудаанд.

Дар рафти гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ донишҷӯён вазифаҳои инкишофдиҳандаи гуногунсатҳро ҳал мекарданд ва дар бозиҳои кории дидактикии «Оби тоза», бозии компютерии тақлидкунанда, ки пурра ба усулҳои амсиласозии ҳифзи объектҳо равона шудааст «Амсиласозии ҷойгиршавии истгоҳҳои электрикии оташи» (амсиласозии компютерии нақшаҳои эҳтимолии ҷойгиршавии истгоҳҳои электрикии оташи иштирок карданд.

Ҳамин тариқ, самарабахшии нисбатан баланди мундариҷа, шакл, методҳо ва воситаҳои ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология, ки таҳия гардидааст, дар раванди таълими муассисаи олӣ тасдиқ гардид.

Навоварии илмии таҳқиқоти аз ҷониби Исматдинов А.М. анҷомдодашуда чунин аст:

Аз нуқтаи назари муносибатҳои фарҳангию аксиологӣ муаллиф аҳаммият, сохтор ва мундариҷаи фарҳанги экологии омӯзгори фанни технологияро равшан кардааст.

Аз ҷониби диссертант намунаи раванди ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи фанни технологияро таҳия намуда, муҳтавои фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ»-ро бо мақсади дар донишгоҳҳои махсуси кишвар ҷорӣ кардан, аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардааст.

Меъёрҳо, нишондиҳандаҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснок шуда, дараҷаи ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) таҳқиқ карда шудааст.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар он аст, ки шароити дидактикии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони фанни технология дар раванди

таълим дар донишгоҳ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Таҳқиқоти аз ҷониби диссертант анҷомдода дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, ба рушди илми педагогика саҳми муносиб мегузорад.

Маводи таҳқиқотӣ метавонад барои тартиб додани мундариҷаи барномаҳои таълимӣ оид ба омӯзиши экологии донишҷӯён - омӯзгорониояндаи фанни технология ва донишҷӯёни дигар ихтисосҳо истифода карда шавад.

Эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқотро нуктаҳои зерин таъмин мекунанд: асоснокии назариявӣ ва методологии таҳқиқот; усулҳои гуногуни истифодашаванда, ки ба ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд, истифодаи коркарди математикии натиҷаҳо, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълимӣ.

Диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология (таълими меҳнат)" таҳқиқоти мукаммали илмӣ буда, аз ҷиҳати ҳаҷм ва сифати маводи пешниҳодшуда, навоварии илмӣ ва арзиши амалӣ ба талаботҳои "Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи диссертатсия Исматдинов Алишер Муҳамадович ба талаботи “Низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ”-и Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Номзади илмҳои техникӣ,
мудири кафедраи экологияи Донишкадаи
кӯҳию металлургии Тоҷикистон Ҳоҷибоев Д.Д.

Имзои номзади илмҳои техникӣ,
Д.Д. Ҳоҷибоевро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ-и Донишкадаи
кӯҳию металлургии Тоҷикистон, н.и. техникӣ Сулейманова Н.А.

**Маълумот барои тамос:**
735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бӯстон, к. А. Баротов 6
Тел. : +992 ( 3451) 5-0634
E-mail: gmit_tajikistan@mail.ru